# СОЛИ НАВ МУБОРАК, ҲАМВАТАН!

*ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ОН АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД*



# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ * * * * №7 (7) 25-УМИ ДЕКАБРИ СОЛИ 2013, ЧОРШАНБЕ



## КОНФЕРЕНСИЯИ ҶУМҲУРИЯВӢ БАХШИДА БА РӮЗИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ВА 65-СОЛАГИИ ҚАБУЛИ ЭЪЛОМИЯИ УМУМИИ ҲУҚУҚИ БАШАР

САҲИФАҲОИ 4-5

### ДАР ИН ШУМОРА:

## ҲАМРОҲШАВИИ ТОҶИКИСТОН БА СОЗМОНИ УМУМИҶАҲОНИИ САВДО

**Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) соли 1995 таъсис ёфта, дар арсаи байналхалқӣ ҳамчун созмони тиҷоратӣ, низоми ягонаи ташкилӣ ва ҳуқуқии системаи савдои байналхалқии молҳо, хизматрасониҳо ва моликияти зеҳниро муайян менамояд....**



САҲИФАИ 3

## 40-СОЛАГӢ МУБОРАК, КАФЕДРАИ ҲУҚУҚИ СУДӢ ВА НАЗОРАТИ ПРОКУРОРӢ!



САҲИФАИ 4

## ИСТИЛОҲОТ-ҚИСМИ НИЗОМИ УМУМИЛУҒАВИИ ЗАБОН

САҲИФАИ 6

## САРЧАШМАИ МУСАФФО

**Имом Муҳаммад Ғазолии Тӯсӣ дар "Насиҳат-ул-мулук" менависад, ки падару модар ба мисли сарчашмае мебошад, ки агар оби он мусаффо бошад, поёноб мусаффо хоҳад буд.**

САҲИФАИ 7

### СУХАНИ РӮЗ

## СОЛИ КУҲАНИ 2013 БА МО ЧӢ ДОД?

Хонандаи азиз, инак шумораи 7-уми рӯзномаи мо дар дасти туст. Ин шумора ба охири соли 2013 рост омад. Яъне, соли куҳан барои мо 7 шумораи Минбарро тақдим намуд. Ин ҳамон ҳафти муқаддасест, ки дар худ 7 биҳишту ҳафтяку 7 иқлиму 7 ситораи адабиёт ва ниҳоят 7 ситораи болои тоҷи расмии моро таҷассум месозад. Одатан дар чунин мавридҳо суол медиҳанд, ки соли куҳан ба мо чӣ дод? Фикр мекунем, ки ба забон овардани дастовардҳо, иқрор шудан ба бурду комёбиҳои дигарон, эътироф намудани хизматҳои бузургмардон, ин баробар аст ба шукргузорӣ, ки аз оини ҷавонмардӣ сарчашма мегирад. Соли 2013 бисёр соли пурбаракат омад. Дастоварди бузургтарин дар ин сол ин аст, ки мо Президенти худро интихоб намудем. Ин маънои онро дорад, ки ҷомеаи мо роҳ сӯи сулҳу ваҳдат, бунёдкорӣ ва ободгарӣ ниҳода, тафаккури созандаеро дар 20 соли ахир касб намудааст. Дигар, дар ин сол дар факултет чанд ихтисоси нав кушода шуд: Ихтисоси криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ ва ихтисоси танзими ҳуқуқии молия ва қарз. Ба ғайр аз ин ду кафедра созмон ёфт: кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ ва кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ, ки дар ташкили онҳо саҳми садорати факултет ва раёсати донишгоҳ бузург аст. Аз ҳисоби хатмкардаҳои фаъол ва аълохони факултет таъмин намудани кафедраҳо бо кадрҳои болаёқат ҳамеша зери назари раёсат ва садорати факултет қарор дорад, ки сазовори баррасӣ ва ситоиш аст. Дар ин сол чанд нафар устодон рисолаҳои номзадиву доктории хешро ҳимоя намуданд. Чанд нафари дигар дар арафаи анҷомёбии рисолаҳои хеш мебошанд. Ва ниҳоят, хабари хуш дар охири соли 2013 ин аст, ки Шӯрои диссертатсионии ҳуқуқшиносон дар Комиссияи Олии Атестатсионии Федератсияи Россия тасдиқ шуд. Шурӯъ аз соли нави 2014 устодони факултет рисолаҳои номзадӣ ва доктории худро метавонанд дар Тоҷикистон ҳимоя намоянд, ки ин беҳтарин туҳфа барои ҳуқуқшиносон дар арафаи соли нав аст. Шояд дар ин миён чизеро фаромӯш карда бошем, вале дар ҳама сурат соли 2013 ба маънои пурраваш соли нек буд. Арафаи соли нави 2014-ро барои устодон ва донишҷӯён табрику таҳният гуфта, орзуи сарсабзиву хушҳолии Шумoро дорем!

# Ифтитоҳи Маркази миллии тестӣ

**Рӯзи 20-уми декабр, дар шаҳри Душанбе бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бинои нави Муассисаи давлатии "Маркази миллии тестӣ" (ММТ) ифтитоҳ ёфт.**



Ҳадафи асосӣ аз таъсиси Маркази миллии тестӣ бо идораи марказӣ ва шуъбаҳои минтақавияш холисона, одилона ва ба таври шаффоф ба роҳ мондани имтиҳонҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аст. Барои расидан ба ин ҳадаф ва иҷрои босифати вазифаҳои дар назди ин муассиса гузошташуда бинои марказӣ ва бахшҳои минтақавии он бо навтарин техникаю таҷҳизот муҷаҳҳаз карда шудаанд.

Бо мақсади таъмини бехатарӣ вобаста ба ташкил ва гузаронидани имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, воридшавӣ ба бинои ММТ тариқи корти пластикӣ ба роҳ монда шудааст. Дар тамоми ҳуҷраҳо ва роҳравҳои асосӣ 74 камера насб карда шудааст, ки тавассути онҳо тамоми раванди фаъолияти ММТ таҳти назорат қарор дода мешавад.

ММТ, ҳамчунин соҳиби 2 мошини махсуси хизматӣ аст, ки барои ташкили корҳои фаҳмондадиҳӣ дар минтақаҳо ва бурдану овардани маводи имтиҳонӣ пешбинӣ шудаанд.

Низоми нави имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни 7115 нафар хонандагони синфҳои 11-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии 45 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар амал озмуда шуд.

Сохтори ММТ аз раёсат, 11 шуъба, 1 бахш ва 4 шуъбаи минтақавӣ (дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа ва Хоруғ) иборат аст.

Аз соли 2014 сар карда, имтиҳонҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мутамарказ дар шуъбаҳои минтақавии ММТ тестӣ бо истифода аз навтарин техникаю таҷҳизот ва бе дахолати шахсони манфиатдор ба роҳ монда мешавад. Низоми нави имтиҳонсупорӣ тавре таҳия гардидааст, ки тамоми имконоти дахолати беруна ва тақаллуб аз миён бардошта шудааст. Ҷараёни имтиҳонсупорӣ, санҷиши натиҷаҳо, ҷамъбаст ва баҳогузорӣ аз ҷониби барномаҳои компютерӣ бе дахолати инсон анҷом дода мешавад. Шахсони масъули назораткунанда низ ба ягон довталаб кӯмак расонда наметавонанд, зеро дар варақаҳои имтиҳонӣ ному насаб ва ё ягон маълумоти дигар дар бораи довталаб навишта намешавад. Ба ҷойи ному насаб танҳо штрих-код навишта мешавад ва ба кӣ тааллуқ доштани варақаи имтиҳонӣ танҳо пас аз баҳогузорӣ ошкор карда мешавад.

Тибқи қоидаҳои низоми нав ҳар як довталаб ҳангоми аз қайд гузаштан метавонад 10 ихтисоси ба ҳам наздик ё 10 ихтисоси соҳаҳои ба ҳам наздикро дар муассисаҳои гуногуни таҳсилоти олии касбӣ интихоб кунад. Пас аз маълум шудани натиҷаҳои имтиҳон довталаб агар холҳои кофӣ гирифта бошад, мувофиқи шумораи холҳояш ба яке аз мактабҳои олӣ ва ихтисосҳои интихобкардааш қабул карда мешавад. Тавре иттилоъ доданд, зиёда аз 400 ихтисоси мавҷуда ба 5 гурӯҳ тақсим шудаанд ва ба 10 ихтисосе, ки довталаб интихоб мекунад, бояд аз доираи як гурӯҳи ихтисосҳо бошад.

Маводи имтиҳонӣ, аз ҷумла саволномаҳо дар ММТ таҳия гардида, дар ҳамин ҷо чоп мешаванд ва дар халтаҳо ва сандуқҳои махсуси бо пломбаи истифодаи яккарата баста, бо мошинҳои махсуси муҳофизатшаванда ба марказҳои имтиҳонӣ дастрас мегарданд.

Пас аз ҷамъоварии ҷавобҳои довталабон маводи имтиҳонӣ боз ба ҳамин тартиб баргардонда шуда, дар ММТ мавриди коркард қарор мегиранд. Ҷавоби натиҷаи имтиҳонҳо ба довталабон тавассути сомонаи интернетии ММТ, марказҳои минтақавии он ва ба суроғаҳои шахсии довталаб тавассути почтаи электронӣ, паёмаки SMS ва дигар воситаҳо расонда мешавад.

Афзалияти дигар ва бисёр муҳими ин низом дар он аст, ки довталабон бо харҷи маблағи зиёд ба пойтахт ё дигар шаҳрҳо нарафта, метавонанд дар марказҳои ба маҳалли зисташон наздик имтиҳон супоранд. Интихоби макони имтиҳонсупорӣ ҳам барои довталабон ихтиёрӣ аст. То кунун дар шаҳру ноҳияҳои гуногуни ҷумҳурӣ, аз ҷумла Душанбе, Хоруғ, Хуҷанд, Қурғонтеппа, Кӯлоб, Рашт ва Бобоҷон Ғафуров 20 маркази бақайдгирии довталабон ва 52 маркази имтиҳонӣ омода карда шудааст.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбатҳо ва ҳам ҳангоми суханронӣ, ки дар ҳузури роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар сурат гирифт, ба фаъолият шурӯъ намудани ММТ ва низоми нави қабули имтиҳоти дохилшавиро "қадами муҳим дар ислоҳоти соҳаи маориф" номида, таъкид дошт, ки "минбаъд бояд тамоми намуди имтиҳонҳо дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ ба таври электронӣ ва шаффофу одилона ба роҳ монда шавад".

Ба Вазорати маориф ва илм ва Кумитаи телевизион ва радио супориш дода шуд, ки бо ҷалби мутахассисони соҳа корҳои фаҳмондадиҳии низоми нави имтиҳонсупориро барои довталабони ояндa васеъ ба роҳ монанд, то ки онҳо бохабар бошанд ва мутаносибан омода шаванд.

Ба Вазорати маориф ва илм ҳамчунин дастур дода шуд, ки раванди бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси муаллимонро барои бо низоми нави таълиму тарбия ва қабули имтиҳонҳо кор кардан ба роҳ монад.

Изҳори боварӣ карда шуд, ки низоми нави муосир, ки аз таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ гирифта шудааст, "ба сифати қабули донишҷӯён ва интихобу тарбияи мутахассисони боистеъдод таъсири мусбат мерасонад".

**www.prezident.tj**

# Иштироки устодони кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ дар конференсияи Донишгоҳи иқтисод, омор ва иттилооти шаҳри Москваи ФР (МЭСИ)

Рузи 9 декабри соли равон дар Донишгоҳи иқтисод, омор ва иттилооти шаҳри Москави ФР мизи мудаввар бо ташаббуси кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи инсони донишгоҳи мазкур баргузор гардид. Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ-ро устодони кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ Азиз Диноршоев - мудири кафедра ва Далер Сафаров - ассистенти кафедра муаррифӣ намуданд. Дар мизи мудаввар 28 маърӯзачӣ бо шумули Азиз Динориюев дар мавзӯи "Ҳуқуқи инсон дар эҷодиёти мутафаккирони Шарқ" ва Далер Сафаров дар мавзӯи "Истифода меъёрҳо ва стандартҳои ҳуқуқи байналхалқӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар қарорҳои Суди конститутсионии ҶТ" баромад намуданд. Тавре мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи инсони Донишгоҳи иқтисод, омор ва иттилооти шаҳри Москави ФР Павленко Е.М. иттилоъ дод, устодони мо баромадҳои ҷолиб намуда, аз худ таассуроти олӣ гузоштанд. Ин буд, ки устодони мо соҳиби ифтихорномаи донишгоҳи мазкур шуданд. Инчунин Павленко Е.М. қайд намуд, ки хуб мешуд байни донишгоҳҳои мо шартномаи ҳамкорӣ баста мешуд, то мо тавонем ҳамкориҳои илмиамонро тақвият бахшем.




# Тасдиқи Созишномаи будубоши шаҳрвандони тоҷик дар Думаи давлатии Русия




Рӯзи ҷумъаи ҳафтаи равон Думаи давлатии Русия Созишнома миёни Русияву Тоҷикистон дар бораи тартиби будубоши шаҳрвандони Тоҷикистон дар қаламрави Русияро ба тасвиб расонид. Ин созишномаро ҷонибҳо 8-уми феврали соли 2013 дар Маскав ба имзо расонида буданд.

Мувофиқи санади мазкур ба шаҳрвандони тоҷик, ки муваққатан ба қаламрави Русия ворид мешаванд, ҳуқуқ дода шудааст, ки бидуни сабт дар мақомоти салоҳиятдори Русия, муддати 15 рӯз аз санаи вуруд шудан дар қаламрави ин кишвар қарор дошта бошанд. Ин муҳлат қаблан 7 рӯз муқаррар шуда, акнун нисбат ба дигар шаҳрвандони хориҷӣ тоҷикистониён бидуни қайд 6 рӯз бештар дар қаламрави Русия иқомат карда метавонанд.

**news.tj**

# Тоҷикистон - 114-ум

Ассотсиатсияи байналмилалии федератсияи футбол (ФИФА) рейтинги охири дастаҳои миллии футболи ҷаҳон дар соли 2013-ро интишор кард ва тибқи он дастаи футболи Тоҷикистон дар ин рӯйхат бо 286 имтиёз мақоми 114-умро касб кард.

Соли ҷорӣ дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон дар доираи мусобиқоти интихобии Ҷоми даъвати Конфедератсияи футболи Осиё (КФО)-2013 се вохӯрӣ (Покистон - 1:0, Макао - 3:0 ва Қирғизистон - 0:1) ва ҳамчунин се вохӯрии дӯстона (Афғонистон - 3:2, Ҳиндустон - 3:0 ва Қирғизистон - 4:1) анҷом додааст.

Миёни 46 дастаи қитъаи Осиё Тоҷикистон зинаи 15-ум ва дар байни дастаҳои кишварҳои собиқ шӯравӣ мақоми 11-умро ишғол карда, аз дастаҳои Латвия, Қазоқистон, Туркманистон ва Қирғизистон пешсаф аст.

Дар садри ҷадвали рейтинги ФИФА дастаҳои мунтахаби футболи Испания, Олмон ва Аргентина қарор доранд.

**www.safina.tj**

*Масъули саҳифа: Ҷаҳонгир Саъдизода*

# ҲАМРОҲШАВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА СОЗМОНИ УМУМИҶАҲОНИИ САВДО

**Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС)-соли 1995 таъсис ёфта, дар арсаи байналхалқӣ ҳамчун созмони тиҷоратӣ, низоми ягонаи ташкилӣ ва ҳуқуқии системаи савдои байналхалқии молҳо, хизматрасониҳо ва моликияти зеҳниро муайян менамояд. Кишварҳои узви он ҳангоми ташаккул ва дар амал ҷорӣ намудани қонунгузории миллӣ дар соҳаи танзими савдо ҳатман бояд ҳуҷҷатҳое, ки дар чаҳорчӯбаи ин созмон қабул гардидаанд, ба инобат гиранд.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолият, бахри пешрафти муносибатҳои иқтисодию тиҷоратӣ кӯшишу заҳматҳои зиёде ба харҷ дода, ниҳоят дар шинохт ва эътирофи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифт. То соли 2001-ум иқтисодиёти Тоҷикистон дар ҳолати гузариш аз низоми иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозоргониро дошт, ки бахри бартараф намудани буҳрони иқтисодӣ зарур буд, ки ба низоми байналмилалии тиҷоратӣ ворид гардад.

Ҳукумати ҶТ моҳи майи соли 2001 ба Котиботи СУС мактуб оид ба дохилшавӣ ба ташкилоти мазкур ирсол намуд. Моҳи июли с. 2001 Шӯрои Генералии СУС дар ҷаласаи худ дархости Ҳукумати ҶТ-ро баррасӣ намуда, оид ба таъсис додани гурӯҳи корӣ оид ба баррасии масъалаи дохилшавии Тоҷикистон ба СУС ва ба Тоҷикистон додани статуси кишавари нозир дар ҷаласаҳои СУС қарор қабул намуд.

Дар айни замон гурӯҳи корӣ аз 30 кишвари аъзоёни СУС иборат буда, Иттиҳоди Аврупо ва 27 кишварҳои аъзои он ҳамчун 1 аъзо ба ҳисоб меравад. Ба мулоқоти дуҷониба оид ба роҳёбӣ ба бозори мол ва хизматрасониҳо 8 кишвари аъзои СУС ҷалб гардидаанд.

Бо назардошти муҳимияти масъалаи дохилшавии Тоҷикистон ба СУС барои иқтисодиёти кишвар ва бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳои ҷумҳурӣ доир ба омода намудани раванди дохилшавии Тоҷикистон ба СУС, Ҳукумати ҶТ бо қарори худ Комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии масъалаҳои дохилшавии ҶТ ба СУС-ро таъсис дод, ки он дар моҳи ноябри соли 2007 ба Комиссияи байниидоравии дузинагӣ оид ба масъалаҳои дохилшавии ҶТ ба СУС табдил дода шуд.

Вазифаҳо оид ба ташкил ва ҳамоҳангсозии умумии раванди дохилшавии ҶТ ба СУС ба зиммаи Вазорати рушди иқтисод ва савдо вогузор карда шудааст, ки дар сохтори он Шуъбаи ҳамкорӣ бо СУС таъсис ёфт.

Дар чаҳорчӯбаи раванди дохилшавӣ ба СУС Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ дар якҷоягӣ бо дигар вазорату идораҳои ҷумҳурӣ, Комиссияи байниидоравӣ соли 2002 оид ба таҳияи Меморандуми низоми тиҷорати хориҷии ҶТ ширкат намуд. Меморандуми мазкур барои паҳн намудан байни кишварҳои аъзоёни созмон моҳи феврали соли 2003 ба Котиботи СУС ирсол гардида буд. Ҳамзамон, ҷавобҳо ба саволҳои аъзоёни СУС оид ба Меморандуми низоми тиҷорати хориҷӣ, ҳуҷҷатҳои аввалия оиди роҳёбӣ ба бозори мол ва хизматрасониҳои ҶТ, ҳуҷҷати чораҳои дастгирии соҳаи кишоварзии ҶТ, ҳуҷҷати иҷрои Созишномаи СУС оиди монеаҳои техникӣ дар тиҷорат ва оид ба чораҳои санитарӣ ва фитосанитарӣ, ҳуҷҷати иҷрои Созишномаи СУС оиди ҷиҳатҳои тиҷоратии ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ (ТРИПС) ва ғайра таҳия гардиданд, ки дар моҳи феврали соли 2004 ба Котиботи СУС пешниҳод гардиданд.

Раванди мулоқотҳо оид ба дохилшавии ҶТ ба СУС аз оғози ҷаласаи якуми Гурӯҳи корӣ оид ба баррасии масъалаи дохилшавии Тоҷикистон ба СУС дар Котиботи СУС дар шаҳри Женева, оғоз шуд. Дар рафти мулоқотҳои бисёрҷониба дар асоси Меморандуми низоми савдои хориҷӣ низоми тиҷоратию сиёсии Тоҷикистон бо мақсади муайян намудани мутобиқати он ба меъёрҳои СУС баррасӣ гардид.

Моҳи апрели соли 2005 ҷаласаи дуюми гурӯҳи корӣ оид ба баррасии масъалаи дохилшавии Тоҷикистон ба СУС баргузор гардид. Дар рафти ҷаласа пешниҳодҳои тағйирдодашуда оиди роҳёбӣ ба бозори мол ва хизматрасониҳо, нақшаи тағйирот ба қонунгузории ҷумҳурӣ, ки байни кишварҳои аъзоёни СУС паҳн шуда буданд, баррасӣ гардиданд. Дар ҷаласа, инчунин лоиҳаи ҳисоботи фактологӣ, ки он бо дархости кишварҳои аъзоёни созмон аз ҷониби Котиботи СУС таҳия шуда буд, баррасӣ гардид.



Ҷаласаи сеюми Гурӯҳи корӣ оид ба баррасии масъалаи дохилшавии ҶТ ба СУС моҳи октябри соли 2006 баргузор гардид,ки дар рафти ҷаласа вазъи мулоқотҳо оид ба роҳёбӣ ба бозори мол ва хизматрасониҳо дар асоси пешниҳодҳои тағйирёфта баррасӣ гардид. Инчунин, баррасии низоми савдои хориҷии ҶТ дар асоси ҷавобҳо ба эзоҳу саволҳои иловагии кишварҳои аъзоёни СУС, нақшаи нави тағйирот ба қонунгузории ҷумҳурӣ, маълумоти тағйиршуда оид ба дастгирии дохилӣ ва субсидияҳои содиротӣ дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон, ва инчунин ҳисоботи фактологии тағйиршуда, ки аз ҷониби Котиботи СУС таҳия шудааст, давом дода шуд.

Ҷаласаи 4-уми гурӯҳи корӣ оид ба дохилшавии ҶТ ба СУС дар таърихи 24 сентябри соли 2009 баргузор гардид, ки масъалаҳои зерин баррасӣ гардиданд:

1) Вазъи мулоқотҳо оид ба роҳёбӣ ба бозори мол ва хизматрасониҳо дар асоси пешниҳодҳои тағйирёфта, ки дар моҳи марти соли 2009 ба Котиботи СУС пешниҳод гардидаанд;

2) Омӯзиши элементҳои лоиҳаи ҳисоботи гурӯҳи кории таҳиягардида аз 29 майи соли 2009;

3) Баррасии Нақшаи чорабиниҳо оид ба қонунгузории дар асоси нақшаи тағйирёфта ва санадҳои қонунгузории пешниҳодгардида.

Мулоқотҳои дуҷониба бо кишварҳои аъзоёни СУС оид, ба роҳёбӣ ба бозори мол ва хизматрасониҳои Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи боздиди ҳайати Тоҷикистон ба шаҳри Женева барои иштирок дар ҷаласаи Гурӯҳи корӣ оид ба баррасии масъалаи дохилшавии ҶТ ба СУС баргузор гардиданд. Иттиҳоди Аврупо, ИМА, Хитой, Туркия, Ҷопон кишварҳое асосие мебошанд, ки бо онҳо мулоқотҳои дуҷониба гузаронида мешаванд. Баъдан, ҶТ мулоқоти дуҷониба,бо Ҷумҳурии Халқии Хитой гузаронд.

Ҳукумати ҶТ корҳои зиёдеро ҷиҳати мутобиқ намудани қонунгузории кишвар ба қоидаву меъёрҳои СУС ва тақвияти механизми истифодаи онро дар Тоҷикистон ба анҷом расонид. Аз ҷумла корҳои зиёд оид ба бартараф намудани вайронкунии принсипҳои низоми миллӣ ва низоми афзалияти бештар дар қонунгузории кишвар гузаронида шуд. Бо мақсади аз байн бурдани дискриминатсия байни воридкунадагони хориҷию ватанӣ дар мавриди пардохти андози аксиз Қарори Ҳукумати ҶТ "Дар бораи тасдиқ намудани миқдори андози аксиз ба баъзе молҳое, ки дар ҶТ истеҳсол мешаванд ва ба қаламрави ҶТ ворид мешаванд" қабул гардид. Ба Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар ҶТ" тағйироту иловаҳо ворид гардид, ки онҳо шаффофияти зиёдро дар мавриди татбиқи сиёсати тиҷоратӣ таъмин менамоянд.



***Ҷумъахон ҚУРБОНОВ***
***ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ***

Бо мақсади мутобиқ намудани қонунгузории миллӣ дар соҳаи сиёсати тарифию-гумрукӣ бо меъёру қоидаҳои СУС Кодекси нави гумрук ва андоз таҳия ва қубул гардид. Яке аз ҷиҳатҳои муҳим дар он аст, ки андоз аз арзиши иловашуда аз рӯи принсипи кишвари молтаъинкунанда ҳисоб карда мешавад, ки яке аз талаботи асосии кишварҳои аъзоёни СУС ба ҳисоб мерафт.

Бо мақсади мутобиқ намудани қонунгузории ҶТ бо меъёрҳои Созишномаи тиҷоратӣ оид ба ҷанбаҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ (ТРИПС) моҳи марти соли 2004 қисми сеюми Кодекси граждании ҶТ қабул гардид, ки он муносибатҳоро дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он ва дар соҳаи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасониҳо ба танзим медарорад. Ҳамзамон аз моҳи марти соли 2004 қонунҳои ҶТ "Дар бораи ихтироъ", "Дар бораи намунаҳои саноатӣ" қабул шуданд, ки онҳо ба Созишномаи ТРИПС мутобиқат мекунанд. Дар соли 2007 қонунҳои ҶТ "Дар бораи сармоягузорӣ", "Дар бораи аломатҳои молӣ ва аломатҳои хизматрасонӣ", "Дар бораи нишондодҳои ҷуғрофӣ", "Дар бораи топологияи микросхемаҳои интегралӣ" қабул шуданд.

Сипас, раиси гурӯҳи корӣ оид ба баррасии масъалаи дохилшавии ҶТ ба СУС ба Котиботи СУС дар бораи таҳия намудани элементҳои лоиҳаи Ҳисоботи Гурӯҳи корӣ оид ба дохилшавии ҶТ ба СУС, ки он ҳуҷҷати хотимавӣ дар раванди дохилшавӣ ба ҳисоб меравад, пешниҳод намуд.

10-уми декабри соли 2012 ҷаласаи Шӯрои генералии СУС дар шаҳри Женеваи Конфедератсияи Шветсария баргузор шуд, ки дар он ҳайати расмии Тоҷикистон бо сарварии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ширкат варзиданд. Дар ҷаласа 3 ҳуҷҷати расмӣ дар бораи ҳамроҳшавии Тоҷикистон ба СУС тартиб дода шуд ва Директори генералии СУС Паскал Лами пешниҳод гардид ва 2 марти соли 2013 Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи СУС гардид.

Тоҷикистон 150-ум кишвари узви СУС мебошад. Дар Осиёи Марказӣ бошад, дуюмин кишвар (баъд аз Қирғизистон) аст, ки узви ин созмони бонуфуз гашта, дар сатҳи байналмилалӣ фаъолияти озодонаи тиҷоратиро пеша намудааст.

# ЗАХИРАҲОИ НАФТУ ГАЗИ ТОҶИКИСТОН

Захираҳои энергетикӣ нақши асосиро дар пешрафти иқтисодиёти муосир доро мебошанд. Намудҳои асосии захираҳои энергетикӣ ин ангишт, нефт, гази табиӣ ва нерӯгоҳҳои барқии хурд мебошад. Газ ва нафт аз солҳои 60-уми асри 20 сар карда, дар пешрафти соҳаи энегетикаи ҷаҳонӣ ҷойи назаррас дорад.

Захираҳои нафту гази Тоҷикистон мумкин аст аз пешгӯии пештара зиёдтар бошад. Дар ин бора дар изҳороти Директори генералии Tethys Petroleum Девида Робсон гуфта шуда буд. Чи тавре ки хабар доданд, ширкати нафтии "Тетис" маълумотҳое ба даст овардааст, ки мувофики он захираи нафтии Тоҷикистон 27,5 млрд борилиро ташкил медиҳад, ки аз он 69% газ ва 31 % нафт мебошад. Мувофиқи маълумотҳои то соли 2008 захираи Тоҷикистонро ба 1,1 млрд. борелӣ баробар мекарданд. Ширкати мазкур бо технологияи навтарини ҷаҳонӣ дар тамоми дунё ба ҷустуҷӯ ва баҳодиҳии захираҳои нафтӣ машҳур буда, маълумотҳои дақиқ хамеша дар ин соҳа пешниҳод мекунад. Дар асоси маълумотҳои пешниҳоднамудаи Ширкати Канадагӣ Tethys Petroleum Тоҷикистон ба рӯйхати давлатҳои сернафттарин номнавис шуда, аз давлатҳои Қатар( (25,9млрд ), Хитой (14,8млрд), Бразилия( 14,2млрд) мегузарад.

Хотирнишон бояд сохт, ки давлатҳои Қатар Хитой ва Бразилия захираҳои нафтии худро ба таври васеъ коркард карда истифода бурда истодаанд. Ноил гардидан ба истифодабарии захираҳои нафту газ боиси баландгардидани сатҳи зиндагии халқи Тоҷикистон мегардад. Ба истифода пешниҳод намудани захираҳои нафту газ чор марҳилаи асосӣ - ҷӯстуҷӯ, баҳодиҳӣ, истихроҷ ва коркардро дар бар мегирад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон айни ҳол дар марҳилаи ҷӯстуҷӯ ва баҳодиҳӣ қарор дорад.

Камкунии беохири ҳаҷми воридоти гази табиӣ ва боло бардоштани нархи маҳсулоти сӯзишворӣ дар бозори ҷаҳонӣ моро водор месозад, ки соҳаи нафту газ ва ангиштро ба яке аз соҳаҳои беҳтарини иқтисодӣ табдил диҳем. Имрӯз Ҳукумати Тоҷикистон як қатор чораҳоро, ки аҳамияти аввалиндараҷа дорад барои таъмини корхонаҳои саноатӣ ва аҳолии мамлакат бо гази табиии ватанӣ андешида истодааст. Ҳамкорӣ дар самтҳои ҷорӣ намудани корҳои ҷустуҷӯӣ ва кашшофӣ бо 15 корхонаву ширкатҳои ватаниву хориҷӣ дар 87 ҷойҳои истихроҷкунии нафту газ идома дорад.

Имрузҳо дар тоҷикистон ширкатҳои зиёди хориҷӣ дар самти истихроҷ ва коркарди нафту газ кор карда истодаанд. Дар баробари ин ширкати машҳури Газпроми Россия низ дар ин самт кор карда истодааст. Ширкати мазкур дар мувофиқа бо ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чор конҳои бузурги Тоҷикистон яъне дар минтақаҳои Сариқамиш (ноҳияи Шаҳринав), Саргазон (ноҳияи Данғара), Ренган (ноҳияи Рӯдакӣ) ва ғарби Шоҳамбарӣ (ноҳияи Ҳисор) корҳои чустуҷӯиро ба анҷом расонида истодааст.

Мувофиқи ахбороти "Газпром" ширкати машҳури Русиягӣ барои гузаронидани корҳои ҷӯстуҷӯи геологӣ дар Тоҷикистон зиёда аз 1,5 милиард рубл сармоягузори кардааст. Мутахассисони ин ширкат захираи умумии гази табииро дар Тоҷикистон се триллион кубометр баҳогузорӣ карданд.

Дар чоҳи нафту гази Сариқамиш ба масофаи 6130 метр корҳои пармакунӣ аз ҷониби Газпром ба анҷом расонида шудааст. Мувофиқи нақшаи пешакӣ дар ин минтақа бояд корҳои пармакунӣ ба чуқурии то 6300 метр идома дода шавад, ки чоҳи мазкур дар Осиёи Миёна калонтарин чоҳ ба ҳисоб хохад рафт. Мутахассисон захираи минтақаи Сариқамишро дар ҳаҷми 18 милиард кубометр газ ва 17 миллион тон нефт баҳогузорӣ кардаанд.

Дар замони муосир аз ашёи хоми нефт на танҳо бензин, керосин солярка, автол, мазут инчунин дигар маҳсулотҳо аз қабили пластмасс, резин ва дигар молҳо истеҳсол мекунанд.

Дар соли 1985 дар солҳои аввали бозсозӣ дар ҷумҳури 389 ҳазор тон нафт ва 309 млн. метри мукааб газ истихроҷ мекарданд. Дар соли 1996 истихроҷи нафт зиёда аз даҳ карат ( 26 хазор тон) истихроҷи газ бошад тақрибан даҳ карат ( 47 млн. метри мукааб) кам карда шуд.

Чи тавре ки маълум аст, аксарияти давлатҳои араб маҳз аз истифодаи захираҳои нафтии худ иқтисодиёти худро бой гардонидаанд ва сатҳи зиндагии аҳолии давлатҳои араб аз сатҳии зиндагии аҳолии давлатҳои ғарб паст нест. Аз рӯи маълумотҳои илман асоснок пешниҳодкардаи ширкати Канадагӣ "ТЕТИС" захираи нафту гази Тоҷикистон ҳатто аз давлати Қатари Араб ҳам зиёдтар аст. Мавриди истифода қарор гирифтани захираҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи зиндагии аҳолии Тоҷикистон низ хело хуб гардида, боиси густариши соҳаҳои дигар аз ҷумла маориф, фарҳанг, варзиш ва ғайра мегардад. Корхонаҳои нав таъсис дода мешаванд, ки боиси истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар дохили кишвар мегардад.



**Саъдиев ИСМОИЛ**
***ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат***

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС



**И.Т. МАҲМУДОВ
МУДИРИ КАФЕДРАИ ҲУҚУҚИ
СУДӢ ВА НАЗОРАТИ ПРОКУРОРӢ**

# 40-СОЛАГӢ МУБОРАК, КАФЕДРАИ ҲУҚУҚИ СУДӢ ВА НАЗОРАТИ ПРОКУРОРӢ!

Соли 1973 дар факултети ҳуқуқшиносӣ кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ таъсис дода шуд, ки таълими фанҳои суд ва адолати судӣ дар ИҶШС, мурофиаи ҷиноятӣ ва граждании шӯравӣ, назорати прокурорӣ, криминология, психологияи судӣ, тибби судӣ, этикаи судӣ, бухгалтерияи судӣ, омори судӣ ва ҳамзамон курсҳои махсуси виктимология, адвокатура, масъалаҳои рӯзмарраи мурофиаи гражданӣ, тафтишоти пешакӣ ва судиро таъмин мекард. Ташаббускор ва бунёдгузори кафедраи мазкур олими машҳур, доктори илми ҳуқуқ, профессор Мелкумов Владимир Гаврилович буд, ки то соли 1988 дар ин вазифа сарбаландона фаъолият кард. Устодро метавон яке аз асосгузорони назарияи илми назорати прокурории Давлати шуравӣ шумурд. Зеро тадқиқоти гузаронидаи ӯ дар соҳаи назорати умумии прокурорӣ то ба имрӯз аз ҷониби муҳаққиқон ва олимони соҳа ҳамчун сарчашмаҳои нодир мавриди корҳои тадқиқотӣ фаровон истифода мешаванд. Ин тадқиқот на танҳо дар дохил, балки миёни доираҳои васеи мактабҳои илмии хориҷи кишвар маҳбубиятро сазовор буданд. Аз ин рӯ, дар давоми фаъолияти кории худ ба ҳайси мудири кафедра ба масъалаи таълифи маводҳои таълимӣ, монографияҳо ва дастурҳои методӣ аҳамияти бештаре медод. Олимони маъруфро дар кафедра ҷамъ намуд, ки аксарияти омӯзгорони кафедра олимони эътирофшуда буданд. Чунончи, дотсент Л.В. Франк асосгузори равияи нави илмӣ - виктимология (илм дар бораи қурбониҳои ҷиноят) маҳсуб мешуд. Дотсент Ҷ.Р.Ҷалилов дар инкишофи илми мурофиаи гражданӣ саҳми зиёде гузоштааст. Хидмати бузурги дотсент А.Д. Тартаковскийро, ки масъалаҳои пешгирии шиканҷа ва вазъи ҳолатҳои криминологиву виктимологиро ҳангоми шиканҷа таҳқиқ кардааст, махсусан хотирнишон бояд сохт. Ҳамзамон саҳми устодони кафедра В.П. Коновалова, Н.А. Абдуллоев, Ҷ.С. Орипов, И.А. Агабабовян дар бобати пешбурди тадқиқотҳои муфиди илмӣ дар ин давра назаррас буд. Онҳо ҳамчун устодони забардаст ва донишмандони касби хеш маъруфият доштанд. Тӯли солҳои 1973-1984 кафедра ба комёбиҳои назаррас ноил шуд. Дар ин давра бо заҳмату талошҳои устодони кафедра беш аз 100 кори илмиву тадқиқотӣ доир ба самтҳои афзалиятноки илмии кафедра нашр карда шуданд. Ҳамзамон, дар ин миён робитаҳои устувори илмӣ бо олимони машҳури марказҳои илмию таълимии ИҶШС ба роҳ монда шуда буд.

Давраи минбаъдаи рушди кафедра ба фаъолияти олими маъруф Ҷалилов Ҷабор Раҷабович рост меояд. Мавсуф дар вазифаи мудири кафедра солҳои 1988-1990 фаъолият доштанд. Анҷом додани корҳои муфиди тадқиқотӣ, навиштани монографияву мақолаҳои илмӣ, дастуру васоити таълимӣ, таъмини ҷараёни муътадили таълим аз самтҳои афзалиятноки кормандони кафедра ба хисоб мерафт. Хусусан нақши калони мудири кафедра, дотсент Ҷалилов Ҷ.Р.-ро дар пешрафти илми ҳуқуқи мурофиаи гражданӣ қайд кардан ҷоиз аст. Зеро монография ва мақолаҳои илмии таълифнамудаи устоди равоншод дар хусуси институтҳои алоҳидаи илми ҳуқуқи мурофиаи гражданӣ то ба имрӯз сарчашмаи муҳими истифодаи маводи пурқимати назариявианд. Дар ин давра устоди кафедра С.Ш. Болтуев рисолаи номзадии худро ҳимоя намуд.

Роҳбарии кафедраро дар замони истиқлолияти давлатӣ номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Абдуллоев Неъмат Абдуллоевич ба зимма дошт. Номбурда дар ин вазифа аз соли 1990 то моҳи июни соли 2008 фаъолият намуд. Давраи мазкур бо як қатор хусусиятхои хеш дар қиёс ба марҳилаҳои пешин фарқ мекард. Аввалан, он нуқта қобили зикр аст, ки фаъолияти кафедра дар ин давра бо назардошти вазъи ногувори сиёсӣ ва иқтисодии кишвар (солҳои 1991-1992) бо мушкилотҳои зиёде мувоҷеҳ гашт. Мушкилии асосии кафедра ин нарасидани устодони фанҳои тадрисшаванда буд. Бо назардошти вазъи баамаломада чандин устодон кафедраро тарк намуда, бо ихтиёри худ аз вазифа рафтанд. Роҳбарияти кафедраро зарур буд, ки дар навбати аввал диққати асосиро ба интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо ва таъмини ҷараёни таълим равон намояд. Роҳи асосии ҳалли масъаларо мудири кафедра Н.А. Абдуллоев бо туфайли ҷалби хатмкунандагони фаъоли факултет пайдо намуд. Бо азму кӯшишҳои устод дар давоми солхои 1991-1992 як зумра ҷавонони боистеъдод ба монанди Баҳриддинов С.Э, Искандаров З.Ҳ, Фозилов Н.Н. аз ҳисоби хатмкунандагони факултет ба кафедра ба кор кабул шуданд. Дар баробари фаро гирифтан ба ҷараёни таълиму таълифи дастуроти методӣ ҳамчунин онхо сарбаландона ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ низ ҷалб шуданд. Маҳз натиҷаи дуруст роҳандозӣ шудани сиёсати илмии кафедра буд, ки устодони кафедра Баҳриддинов С.Э. ва Искандаров З.Ҳ. соли 1996 сарбаландона рисолаҳои номзадии худро ҳимоя намуданд. Тӯли чандин солҳо доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, шодравон Кенҷаев С.К. дар кафедра аз фанни назорати прокурорӣ низ дарс мегуфтанд. Ҳамчунин бо ташаббуси мудири кафедра Н.А. Абдуллоев дар давоми солхои 1999-2001 як зумра ҷавонон, аз қабили Л.Фахриддинова, И.Т. Маҳмудов, Х. М. Ғафуров ва солхои 2006-2008 С.Б. Мирзоев, А.Н. Раҷабов ва А.Х. Авзалов ба ҳайси ассистент ба кор кабул карда шуданд. Устодони кафедра Х.М. Ғафуров ва И.Т. Махмудов бо мусоидати кафедра бо марказхои бонуфузи илмии шахри Москав ба хайси унвонҷӯ ва аспирант робитаҳои муфиди илмиро ба рох монданд. Натиҷаҳои хамкорӣ самараи хуб овард. Солҳои 2006 дар Академияи давлатии ҳуқукии Маскав ассистенти кафедра Х.М. Ғафуров дар мавзӯи "Низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъи кунунӣ ва дурнамо" ва 2008 бошад, муаллими калон И.Т. Маҳмудов дар Академияи Прокуратураи генералии Федератсияи Россия дар мавзӯи "Асосҳои назариявӣ ва илмӣ-амалии назорати прокурорӣ оид ба иҷрои қонунҳо дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷуӣ" (аз рӯйи маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон) рисолаҳои номзадии худро ҳимоя намуда ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми ҳуқуқ мушарраф гаштанд. Саҳми муаллими калон Н.Н.Фозилов-ро низ махсус қайд кардан зарур аст. Дар хусуси паҳлуҳои алоҳидаи институтҳои илми ҳуқуқи мурофиаи гражданӣ матолиби пурарзишеро интишор намудааст. Тадқиқоти илмии худро дар мавзӯи "Рушди падидаи шахсони иштирокчии парвандаи гражданӣ дар мурофиаи граждании ҶТ" ба анҷом расонида дар арафаи ҳимояи рисолаи номзадӣ қарор дорад. Бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон номбурда ҳамчун аъзои гурӯҳҳои корӣ оид ба таҳияи лоиҳаҳои Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни ҶТ "Дар бораи истеҳсолоти иҷро" пазируфта шудааст.

Хизматҳои содиқонаи устод Н.А. Абдуллоев дар рушди илми ҳуқуқ ва тайёр намудани мутахассисон бо медали "Шарафи меҳнат", нишони сарисинагии "Аълочии маорифи Тоҷикистон" ва бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 сентябри соли 1998 бо унвони ифтихории "Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон" қадршиносӣ гаштааст.

Аз моҳи июни соли 2008 то моҳи апрели 2013 роҳбарии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокуроририро доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Искандаров Зайниддин Ҳомидович ба ухда дошт. Номбурда соли 2010 дар мавзӯи "Асосҳои ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқи инсон дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар Донишкадаи ҳуқуқии Тошканд рисолаи докторӣ ҳимоя намудааст. Дар ин давра устодони ҷавон Хоҷаева Н.Б., Сафиева М., Абдуллоев П.С., Раҳимов М.С. ва Ҷалолов Х. ба вазифаи ассистент ба кор қабул шудаанд. Ассистент Абдуллоев Парвиз дар аспирантураи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Москав таҳсил карда, дар остонаи ҳимояи рисолаи номзадӣ қарор дорад. Соли 2011 устод Искандаров

# Поси ҳуқуқи инсон чун дастоварди умумибашарӣ



Дар факултети ҳуқукшиносии ДМТ бо ташаббуси кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба муносибати 65-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи башар дар мавзӯи "Поси ҳуқуқи инсон чун дастоварди умумибашарӣ" доир гардид. Конфронсро декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, дотсент Насурдинов Э.С. кушода, ҳамаи иштирокчиёнро бо 65-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи башар табрик намуд. Сипас Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ Зариф Ализода баромад намуда, Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсонро ба иштирокчиён муборакбод намуд. Баъдан, маърӯзачиёни зерин баромадҳои ҷолиб карданд: Сафаров Б.А. - н.и.ҳ., дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар мавзӯи "Ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқи инсон: аҳамияти омӯзиши он дар замони муосир", Шарипов Т.Ш. - д.и.ҳ., профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар мавзӯи "Шиканҷа ҳамчун ҷинояти ба ҳуқуқҳои фитрии инсон таҷовузкунанда", Сафаров Д.С. - н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ дар мавзӯи "Баъзе масъалаҳо доир ба мафҳум ва котегорияҳои илми ҳуқуқи инсон", Ғафуров Х.М. - н.и.ҳ. дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ дар мавзӯи "Ҳимояи судӣ ҳамчун ҳуқуқи инсон дар партави Эъломияи умумии ҳуқуқи башар", Миралиев И.Қ. - ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқшиносии муқоисавӣ дар мавзӯи "Проблемаҳои амалишавии ҳуқуқи инсон дар давлати ҳуқуқбунёд", Ҷаҳонгир Саъдизода - ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ дар мавзӯи "Аз таърихи рамзҳои ҳуқуқи инсон: дар мисоли Рашан", Саъдиев И.З. - ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат дар мавзӯи "Проблемаҳои ҳуқуқҳои инсон дар партави тағйирёбии иқлим", Саидов И.И. - ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқшиносии муқоисавӣ дар мавзӯи "Иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии ҶТ мувофиқи ПБҲШС", Қурбоналиев Н.Ш. - ассистенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣ "Оид ба баъзе масъалаҳои риояи ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", Хоҷаев Ш.Ш. - ассистенти кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқ "Технико-юридические проблемы отражения прав человека в законодательстве РТ", Шоев Ф.М. - ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ дар мавзӯи "Идеяи ҳуқуқи инсон дар таълимоти Муҳаммади Ғазолӣ", Бобоева Н.И. - ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқшиносии муқоисавӣ дар мавзӯи "Такомули арзишҳои ахлоқӣ дар давлатдории тоҷикон", Искандаров Ш.Ф. - ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ дар мавзӯи "К вопросу о роли Всеобщей декларации прав человека в установлении и закреплении прав и свобод человека", Сулаймонов М.С. - ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ "Президент хамчун кафили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҶТ".

Дар охир, иштирокчиёни конфронс чунин қатъномa қабул карданд:

1) Ҳуқуки байналмилалии ҳуқуқи инсон ҳамчун курси махсуси назди кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва фанни таълимӣ дар ихтисоси ҳуқуқи байналмилалӣ ташкил карда шавад;

2) Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир то 10 декабри соли 2014 аз ҷониби декани факултети ҳуқуқшиносӣ, досент Насурдинов Эмомалӣ Сайфиддинович тафсир карда шавад ва дар шакли китоб аз чоп баровардa шавад.



З.Ҳ. бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо медали "Хизмати шоиста" сарфароз гардонида шуд. Айни замон аъзои гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти адвокатӣ ва ёрии ҳуқуқӣ" ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон дар ин миён соли 2012 ассистент Мирзоев С.Б. дар мавзӯи "Пайдоиш ва ташаккули назорати конститутсионӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ" рисолаи номзадӣ ҳимоя намуд.

Аз моҳи апрели соли 2013 то масъулияти иҷрои вазифаи мудири кафедраро ман - номзади илмҳои ҳукуқшиносӣ, дотсент Маҳмудов Изатулло Тешаевич ба зимма дорам. Соли 2010 бо Ҷоизаи таъсисдодаи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон ва соли 2012 бо нишони "Аълочии маорифи Тоҷикистон" қадрдонӣ шудаам. Самтҳои афзалиятноки кафедра барои солҳои наздик ва дурнамо дар бахши таълим, тарбия ва корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ муайян шудаанд. Дар давоми ҳамин сол устодони ҷавон Неъматов Б. ва Неъматуллоев У. ҳамчун ассистент ба кор қабул шудаанд.

Лозим ба ёдоварист, ки айни замон дар кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ таълими фанҳои мурофиаи ҷиноятӣ, мурофиаи граждании, назорати прокурорӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, криминология, психологияи юридикӣ, этикаи касбии ҳуқуқшиносӣ ва ҳамзамон курсҳои махсуси мурофиаи судии иқтисодӣ, адвокатураи судӣ, далелҳо ва исботкунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ, тартиб додани ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ, мурофиаи судии маъмурӣ, иштироки прокурор дар суд (малакаи касбӣ), нотариат, истеҳсолоти иҷро, стандарти байналмилалӣ оид ба муҳокимаи одилонаи судӣ ба амал бароварда мешаванд.

Устодони кафедра дар самти пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва тарғибу ташвиқи корҳои тарбиявӣ саҳми назаррас дошта, дар кори конфронсҳо, семинарҳо, ҳаммоишҳо ва муколамаҳои илмӣ-амалии байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ ширкат варзида, бо маърӯзаҳо баромад менамоянд. Ҳамчунин саҳми устодони кафедра дар такмили фаъолияти қонунгузории кишвар назаррас буда, дар таҳия ва муҳокимаи барномаҳои давлатии мубориза бо ҷиноятқорӣ, лоиҳаи як қатор кодексҳо, қонунҳои соҳавӣ, ҳамчунин лоиҳаҳои қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ ва Суди Олии иқтисодии ҶТ фаъолона иштирок менамоянд.

Кафедра бо мақсади тайёр намудани мутахассисон ба як қатор макотиби олӣ ва марказҳои бонуфузи илмӣ-таълимии кишварҳои узви ИДМ равобити муфид барқарор намудааст. Аз ҷумла, чунин ҳамкориҳои дуҷониба бо кафедраҳои мурофиаи ҷиноятӣ, назорати прокурорӣ ва адолати судии Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В.Ломоносов, мурофиаи ҷиноятии Академияи давлатии ҳуқуқшиносии Маскав, мурофиаи ҷиноятии Донишкадаи давлатии юридикии Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон, мурофиаи граждании Донишгоҳи давлатии Томск, Институти илмӣ-тадқиқотии Академияи прокуратураи генералии Федератсияи Россия ба роҳ монда шудаанд.

Кафедра бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар ниҳодҳои ҳуқуқмуҳофизавии Тоҷикистон ҳамкориҳои муфид барқарор намуда, як зумра шахсони масъули низоми судӣ ва мақомоти прокуратураи кишвар, аз қабили Исоев М.Ш., Фатҳуддинов В., Раҳмонов Ю.А., Мирзоева Қ., Раупов Ф.Х., Салимов Т.Н. барои ҳамкорӣ ба кафедра ҷалб шудаанд.

Дарояндаҳои наздик аз ҷониби устодони кафедра таълифи як қатор китобҳои дарсӣ аз фанҳои "Назорати прокурорӣ", "Криминология", "Ҳуқуқи мурофиаи гражданӣ", "Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ", "Ҳуқуки мурофиаи ҷиноятӣ" дар назар дошта шудааст.

Айни замон аз ҷониби устодони ҷавони кафедра Хоҷаева Н.Б. дар мавзӯи "Далелҳои шайъӣ дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ: тадқиқи муқоисавию ҳуқуқии қонунгузории Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон"; Авзалов А.Х. дар мавзӯи "Назорати прокурорӣ оид ба иҷрои қонунҳо дар рафти тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятии хусусияти қоррупсионидошта"; Сафиева М. дар мавзӯи "Пайдоиш ва инкишофи институти шоҳидӣ дар қонунгузории мурофиавии то даврони шӯравии Тоҷикистон"; Раҳимов М.С. дар мавзӯи "Ҳимояи давлатии амнияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ: вазъи батанзимдарории ҳуқуқӣ, амалия ва дурнамои инкишофи он"; Ҷалолов Х. дар мавзӯи "Характеристикаи криминологии ҷиноятқории занон дар ҶТ" дар иртибот ба рисолаи номзадӣ корҳои илмӣ-таҳқиқотиро пеш бурда истодаанд. Умед дорем, ки дар муҳлатҳои наздиктарин онҳо ба ҳимояи рисолаи номзадӣ муваффақ хоҳанд гашт.

Аз замони таъсиси кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ 40 сол пур мешавад. 40 соли роҳи пуршараф! Бо истифода аз чунин лаҳзаҳои фараҳбахш мехостам устодону кормандони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокуририро ба ифтихори 40-солагии таъсиси кафедра самимона табрику шодбош гуфта, бараяшон саломативу саодатмандӣ, рӯзгори ободу сарбаландӣ ва комёбиҳои бештари илмиро ба нафъи пешрафти кафедра орзумандам. Хотираи неки устодону кормандоне, ки дар қайди ҳаёт нестанд, шод бод.

# КОНФЕРЕНСИЯИ МУШКИЛОТИ ТУРИЗМ ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОН



Дар таърихи 14-уми декабри соли 2013 дар факултети ҳуқукшиносӣ бо ташаббуси кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат конференсияи илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Танзими ҳуқуқии туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳалли он" баргузор гардид.

Конфронсро декани факултети ҳуқукшиносии ДМТ н.и.ҳ., дотсент Насурдинов Э.С. кушода, ҳамаи иштирокчиёнро барои ҳузурашон дар чунин чорабиниҳои фарҳангӣ хайрамақдам гуфт. Баъд аз он Сангинов Д.Ш.- н.и.ҳ., дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар мавзӯи "Правовые проблемы туристского бизнеса в Республике Таджикистан" баромад намуда, қайд кардa, ки дар конфронси имрӯза меҳмон аз хориҷи кишвар Сангаджиев Б.В. д.и.ҳ., ҷонишини мудири кафедраи ҳокимияти судӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии ДРДХ ҳузур доранд. Сипас, иштирокчиёни конфронс дар мавзӯъҳои зерин баромад карданд: Раҳимов М.З. - д.и.ҳ., профессор, деректори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ "Доир ба баъзе проблемаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар қонунгузории ҶТ", Сангаджиев Б.В. - д.и.ҳ., ҷонишини мудири кафедраи ҳокимияти судӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии ДРДХ "О ходе судебной реформы в арбитражных судах России", Юсупов А.Қ. - прокурори калони Раёсати назорати умумии Прокуратураи генералии ҶТ, мушовири адлияи дараҷаи дуюм "Ҷавобгарии ҳуқуқии субъектони фаъолияти туристӣ мутобиқи қонунгузории ҶТ", Ҳабибов Д.А. - раиси Шурои рушди туризм "Проблемаҳои фаъолияти субъектҳои туризм ҳангоми хизматрасонӣ ба сайёҳон", Сулаймонов Ф.С. н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналхалқии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ "Инкишофи қонунгузорӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкори дар ҶТ", Оев Н.А. н.и.и., дотсент, сардори шуъбаи илми ДСХ "Проблемы налогообложения субъектов туристской деятельности в РТ", Бозоров Р.Б. н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ "К вопросу о совершенствование правовых гарантии субъектов инвестиционной деятельности по законодательству Республики Таджикистан", Салихов З.И. - ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ "Шартномаи ҳамлу нақли байналмилалии ҳавоии борҳои сайёҳон: проблемаи назария ва амалия", Мавлоназаров О.А. - ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ "Правовое регулирование рекламы в туризме", Қурбонов Ҷ.С.- ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ "Нақши СУС дар рушди фаъолияти туристӣ дар ҶТ", Мирзоев П.З. - н.и.ҳ., муаллими калони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ "Правовая основа внедоговорной ответственности государства за вред, причиненный предпринимателям в сфере туризма", Мирзоев А.М. - ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ "Проблемаи муайяннамоии ҳуқуқи татбиқшаванда дар муносибатҳои шартномавӣ бо унсури хориҷӣ", Мирбобоева Р.В. -. н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ "Правовые основы использования товарного знака в предпринимательской деятельности", Саидов Ҳ.Х. - ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ "Фаъолияти фискалии мақомоти гумрукии ҶТ", Афзалов А.Х. ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурори факултети ҳуқуқшиносии ДМТ "Назорати прокурорӣ оид ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар давраи тафтишоти пешакӣ", Боев М.Ф. - муаллими калони кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ "Брокер ҳамчун миёнарав дар фаъолияти соҳибкорӣ", Бобокалонов Ғ.М. . н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ "Социально-правовые аспекты трудовых прав несовершеннолетних", Ризоева С.К. - муаллими калони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ "Способы реализации защиты гражданских информационных прав индивидуальных предпринимателей", Кабутов Э.Д. - ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ "Частные агентство занятости как субъекты предпринимательской деятельности", Саъдиев И.З. ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ "Правовое регулирование отношений в сфере нефти и газа в РТ", Пиров П.Р. аспиранти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ "ВТО как инструмент многостороннего регулирования международной торговли".

Дар охир иштирокчиёни конфронс чунин пешниҳодҳои тавсиявӣ қабул карданд:

1. Тамоми пешниҳоди маърӯзачиён оид ба мукаммалнамоии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ ба Кумитаи сайёҳӣ фиристода шавад. Пешниҳод оид ба такмили қонунгузорӣ ба Маҷлиси намояндагон фиристода шавад;
2. Маърӯзаҳо бояд дар маҷмӯаи алоҳида чоп шавад;
3. Бо ҷалби олимон чорабиниҳои сайёҳӣ баргузор гардад.

*Таҳияи*
**Ҷаҳонгир САЪДИЗОДА**

**Маълум аст, ки илм босуръат ба ҳаёти ҳамарӯзаи мо ворид мешавад. Дастовардҳои техникӣ инсонӣ муосирро водор месозад, ки ба соҳаҳои мухталифи илму дониш сарфаҳм рафта, мутаносибан то як андоза истилоҳоти дахлдорро аз худ намояд. Ҳамаи ин боиси он мегардад, ки истилоҳот ба таври табиӣ рӯз ба рӯз мақоми худро дар забони адабии тоҷикӣ устувор мегардонад. Дар натиҷа сарҳади байни онҳо мунтазам суст шуда, аз байн меравад.**

# ИСТИЛОҲОТ- ҚИСМИ НИЗОМИ УМУМИЛУҒАВИИ ЗАБОН

Истилоҳот ин қабл аз ҳама қисми табиатан ба худ хоси системаи умумилуғавии забон буда, тасдиқи гуфтаҳои боло он мебошад, ки воҳидҳои махсус ба таркиби луғатҳои тафсирӣ шомиланд. Ҳамзамон, қайдҳои махсус далели мансуб будани ин воҳидҳо ба майдони муайяни маъноҳо мебошад, ки соҳаи мушаххаси забонро фаро мегиранд. Дар ин мавриd, қайди махсус байни истилоҳ ва ғайриистилоҳ фарқ мегузорад.

Истилоҳоти ҳуқуқӣ, алалхусус, ба яке аз он соҳаҳои забон хизмат менамояд, ки мо бо он аксаран беихтиёр рӯ ба рӯ мешавем.

Тафовути асосии истилоҳоти ҳуқуқӣ аз лексикаи серистеъмол дар мазмуну муҳтавои он зоҳир мешавад ва аз воҳидҳои семантикии дар таркиби воҳидҳои он шомилбуда, вобастагӣ дорад. Калимаҳои аз рӯи сохтори морфологии худ гуногун ба истилоҳоти ҳуқуқӣ дохил мешаванд, зеро онҳо тавассути як мавзӯъ муттаҳид гардида, ба як майдони семантикӣ шомил мебошанд ва мафҳумҳоро вобаста ба соҳаи ҳуқуқшиносӣ ном мебаранд ва маҳз ҳамин аст тафовути истилоҳоти ҳуқуқӣ аз калимаҳои серистеъмол.

Забони тоҷикӣ дар марҳилаи ибтидоии ташаккул ва рушди худ дорои таркиби ғании луғавӣ буд, ки баъзан ба туфайли полисемантикаи калимаҳо ва гоҳо бо сабаби генерализатсияи онҳо тавонист тобишҳои маъноии махсуси ба худ хос, аз ҷумла хусусияти истилоҳотиро аз худ намояд.

Истилоҳот ҳамчун қисми асосии лексикаи махсус, аз замони қадим истифода бурда мешавад. Мафҳумҳои истилоҳ ва истилоҳот ба илми забоншиносӣ танҳо дар оғози асри XX ворид гардиданд. Дар асри XX забоншиносии ғарб бо суръати тез рушд ёфт ва дар натиҷа истилоҳот ҳамчун қабати алоҳидаи фонди луғавии забон муайян гардид. Новобаста аз он, ки омӯзиши хусусиятҳои зиёди истилоҳот дар забони тоҷикӣ аз замони қадим оғоз гардид (ҳанӯз аз асри X муродифи арабии калима, яъне истилоҳ ва истилоҳот вуҷуд дошт), ин маънои онро надорад, ки масъалаи мазкур дар забоншиносии тоҷик ҳаматарафа мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар истилоҳоти ҳуқуқии забони тоҷикӣ таркиби иқтибоси калимаҳо маъмул аст, ки аз куҳнапарастии истилоҳоти ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳад. Иқтибоси калимаҳоро метавон дар ҳамаи забонҳои ҷаҳон мушоҳида намуд. Далели равшани гуфтаҳои боло, якум ин истилоҳоти арабӣ, яъне тарзи ҷумлабандӣ ё калимаю ибораи арабӣ, ки ба забони тоҷикӣ дохил шудааст.

1. Тағйироти сиёсии охирҳои асри X (яъне аз байн рафтани давлати Сомониён, ба Мовароуннаҳр соҳиб шудани Қарохониҳо ва ба давлати Ғазнавӣ гузаштани Хуросон) ба ҳаёти адабии халқи тоҷик ва дигар мардуми эронинажоди ин мамлакат таъсир накарда наметавонист. Пешрафти забони дарӣ- тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик, ки дар асри X беш аз пеш вусъат меёфт, то як дараҷа ба зарба дучор гардид, яъне инқилоби забонӣ (забони дарӣ, форсӣ ва арабӣ) ба вуҷуд омад. Аз ин вақт сар карда, баъзе сулолаҳои нави ба сари ҳокимият омада бар хилофи сиёсати нисбат ба забони тоҷикӣ пешгирифтаи Сомониён аз нав забони арабиро пеш ронда, ба таркиби луғавии забони форсии тоҷикӣ низ таъсир гузоштаанд, зеро калимаву ибораҳои гуногуни зиёде аз як забон ба забони дигар иқтибос шуда, ба истеъмол ворид мешуданд.

Муҳаммад Тақии Баҳор иқтибосшавии калимаҳои арабиро ба таркиби луғавии забони форсӣ - дарӣ ба чор давра тақсим намуда, чунин меҳисобад, ки иқтибосоти аввалини калимаҳои арабӣ ба забони тоҷикӣ ба давраи аввал- асрҳои VII-IX рост меояд.



**Назарова З.А.**
*дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети ҳуқуқшиносӣ*

Иқтибосоти калимаҳоро дар тамоми забонҳои дунё - чӣ ғарбу чӣ шарқ, чӣ мамолики шимол ва чӣ мамлакатҳои ҷануб мушоҳида кардан мумкин аст. Дар соҳаи ҳуқуқ низ калимаҳои иқтибосӣ хеле зиёд истифода шудаанд ва қисми асосии онро калимаҳои арабӣ ташкил медиҳанд. Масалан, калимаи замин асрҳои қабл ба маънои гарав, қавл кор фармуда мешуд: Ин қаболаи фалон замин ва фалон чизро фалон кас замин… (Саъдӣ). Инчунин ба маънои барҷомонда, касе, ки ба сабаби касалӣ аз ҷой ҷунбида наметавонад низ истифода мешуд: ӯ ба иллати никрас замин шуда буд (Авфӣ). Калимаи арабии мазкур дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ба маънои зикршуда истифода намешавад.

Лексикаи арабӣ дар истилоҳоти ҳуқуқии забони тоҷикӣ мунтазам ва ба миқдори зиёд истифода мешавад. Хусусияти онҳо аз он иборат мебошад, ки аксари ин истилоҳот дар натиҷаи васеъ гардидани соҳаи истифода серистеъмол шудаанд. Ба қатори истилоҳоти ҳуқуқии серистеъмол метавон калимаҳои зеринро номбар намуд: санад, ҳуҷҷат, далел, аҳд, амр, ҷазо, мукаллаф, таҳқир, таҳдид, шариат, шоҳид, ҳукм, қарор, ваколат, кафолат, амният, ҷиноят, таҷовуз, вазъ, тамаъ, ҷаллоб, маҳбус, ғорат, адолат, амвол, асир, рутба ва ғ.

Бештари калимаҳои забони арабӣ муродифи тоҷикӣ доштанд ва дар баробари забони арабӣ истифода бурда мешуданд, баъзе аз онҳо аз истеъмол баромада, ба гурӯҳи калимаҳои архаистӣ ё камистеъмол дохил шуда, дар захираи пассивии (эҳтиётии) забон боқӣ мондааст: ба ҷои қозӣ калимаи судя ё додситон истифода мешавад; ба ҷои вексел калимаи кафолатнома, ба ҷои закот калимаи андоз ва ғайра истифода мешавад. Яке аз далелҳои барҷастаи қудрату нерӯи забони форсии тоҷикӣ дар он зоҳир мегардад, ки калимаҳои зиёди бегонаро бо роҳи калимасозӣ ва таркиббандӣ ба қонунияти худ мутобиқ намудааст.

Бо мурури замон калимаҳои иқтибосии арабӣ бо ҳамроҳ шудани вандҳои тоҷикӣ калимаҳои серистеъмоли тоҷикиро ба миён оварданд: ҷинояткор, тамаъҷӯӣ, таҳдидкунанда, қарордод, кафолатнома, номукаллаф, ғоратгар, ҳуҷҷатнигорӣ, боадолатона ва ғ.

Ба монанди дигар соҳаҳои ҳаётӣ, инчунин дар ҳуқуқи исломӣ, калимаҳои арабӣ аз асри VII то асри XVШ тавсеа ёфтанд, зеро забони арабӣ забони давлатию маъмурӣ, илмӣ ва адабии Шарқ маҳсуб меёфт.

Далели гуфтаҳои боло ин аст, ки ҳуқуқи исломӣ бо истилоҳоти худ ба таври амиқ дар фаъолияти ҳаётии динӣ, давлатӣ, маъмурӣ, илмӣ фарҳангӣ ва адабии мусулмонон то худи Инқилоби Октябр реша гирифт. Дигар он ки бояд таъсири калони илму фарҳанги забони русиро қайд намуд.

2. Иқтибос аз лексикаи забони русӣ:

Дар натиҷаи ҳамроҳшавии Осиёи Марказӣ ба Россия дар асри XIX ва таъсири бузурги забон ва маданияти ин давлат, калимаҳои иқтибосии истилоҳоти ҳуқуқидошта аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ гузашта, дар зиндагии ҳамарӯзаи мардум васеъ паҳн шуданд: суд, судя, прокурор, прокуратура, адвокат, кодекс, гражданӣ (шаҳрвандӣ), норма, аппарат, тюрма, комитет, камера, ассистент, аспирант, доктор ва ғ.

3. Аллакай дар оғози асри XX мардуми тоҷик садҳо калимаҳои байналхалқиро истифода мебурдагӣ шуданд: криминалистика, принсип, система, лисензия, объективӣ, субъективӣ, ресидив, психотропӣ (моддаҳо), генерал, терророрист, империя, кредит, криминалӣ, лимит, билл, проект, грант ва ғ.

Бояд тазаккур дод, ки калимаҳои иқтибосӣ аз забонҳои арабӣ, русӣ, калимаҳои байналхалқӣ ва ғайра ба рушду нумӯи минбаъдаи забони тоҷикӣ ва ғанигардонии хазинаи луғавии забони ҳозираи адабии тоҷикӣ мусоидат намуд.

**Яке аз муҳимтарин ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ дар сатҳи байналхалқӣ ин Эъломияи умумии ҳуқуқи башар мебошад, ки аз ҷониби Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид 10 декабри соли 1948 тахти қарори 217 А (111) қабул ва эълон шудааст. Аз ҳамон замон ҳар сол 10 декабр чун Рӯзи байналмилалии ҳуқуқҳои инсон қайд карда мешавад.**

# БАЪЗЕ АЗ МАСЪАЛАҲОИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ДАР ЭЪЛОМИЯИ УМУМИИ ҲУҚУҚИ БАШАР



**Соҳибов М.М.**
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ*

Эъломия бо доштани моҳияти танҳо тавсиявӣ дар инкишофи минбаъдаи механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон нақши ҳалкунанда бозида, таҳкурсии мустаҳками гардид, ки дар заминаи он низомҳои ҳам унверсалӣ ва ҳам минтақавию байналмилалии амалисозии ҳуқуқҳои инсон бунёд карда шуданд.

Эъломия аз 30 модда иборат буда, нуқтаҳои умумиро тавсия медиҳад. Вай ҳуқуқу озодиҳои бунёдиро фарогир буда, ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ (моддаҳои 3-19), ҳуқуқҳои сиёсӣ (моддаҳои 20-21), ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва экологиро (моддаҳои 3, 22-28) инъикос кардааст ва байни онҳо ягон хел иерархия, яъне андозаи каму бешие намегузорад. Ҳуқуқҳои асосии дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар зикргардида барои таҳияи беш аз 100 созишнома, эъломия ё дигар ҳуҷҷатҳо дар доираи низоми СММ заминаи боэътимоде гардиданд. Аз ҷумла 10 Конвенсияи экологие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо шомил гардидааст, ки бевосита пуштибонӣ аз ҳуқуқҳои экологии инсон ва ҳифзи муҳити зист менамояд. Ғояҳои асосии ин санадҳои байналмилалиро маҳз Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ташкил медиҳад.

Дар маҷмӯъ Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ҳамчун ҳуҷҷати асосии байналхалқӣ ба шумор меравад, ки дар он ҳуқуқҳои асосии инсон махсусан ҳуқуқҳои экологӣ ифодаи худро ёфтааст. Эъломияи мазкур рушди устувори кишварҳоро аз ҷиҳати иқтисодӣ ва экологӣ, нигоҳ доштани мувозинати табиат ва ҷомеа, ки ба омилҳои экологӣ (нарасидани замин, ифлосшавии муҳити зист, таъминот бо захираҳои об, тозагии ҳавои атмосфера, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, беҳдошти саломатии аҳолӣ, ҳифзи гуногунии биологӣ, бахусус навъҳои нодири аз байн рафтаистодаи наботот ва ҳайвонот) вобаста аст, таъмин менамояд.

Дар сатҳи байналмилалӣ низ дар ин масъала амалҳои назаррас мушоҳида мегардад. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва дигар санадҳои аввалини Созмони Милали Муттаҳид бевосита ҳуқуқҳои экологиро пешбинӣ намекунанд. Вале Эъломия барои амалигардии ҳуқуқҳои асосии инсон (аз ҷумла ҳуқуқҳои экологӣ) заминаи бузург гузошт. Масалан, эътирофи ҳуқуқ ба озодии сухан, муттаҳидшавӣ ва ғайра барои ҳалли мушкилоти экологӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Ё худ ҳуқуқ ба ҳаёт (м. 3 Эъломия) имрӯз бар маънии васеътар мавриди баррасӣ қарор дорад. Ба мазмуни пештараи он "ҳуқуқ ба зиндамонии экологӣ" низ фаҳмида мешавад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили мазмуни Эъломияи ҳуқуқи башар маълум мешавад, ки дар маҷмӯъ ҳуқуқҳои экологии инсон дар он эътироф гаштаанд. Дуруст аст, ки ҳуқуқҳои экологӣ дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар бевосита ва бо тамоми ҷузъиёт пешбинӣ нагаштааст. Ба ҳар ҳол, бо тамоми ҳуқуқҳои асосии экологӣ, ки дар давлатҳои низоми ҳуқуқиашон пешрафта эътироф гаштааанд, дар Эъломияи ҳуқуқи башар дучор омадан мумкин аст.

Гузашта аз он, дар санадҳои байналмилалӣ низ ҳуқуқҳои экологӣ аз дидгоҳи гуногун баррасӣ мешавад. Дар баъзе санадҳо ҳуқуқҳои экологӣ ҳамчун ҳуқуқи субъективии мустақил баррасӣ мешавад, дар дигарашон чун қисмати таркибии дигар ҳуқуқҳо. Барои мисол: ҳуқуқ ба муҳити солими зист дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар чун қисмати ҳуқуқ ба ҳаёт ва дар Эъломияи тунисӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи халқҳо чун яке аз ҷанбаҳои амалигардонии ҳуқуқи халқҳо ба худмуайянкунӣ баррасӣ мегардад.

Бо назардошти гуфтаҳои, боло бояд қайд намоем, ки ҳуқуқҳои экологӣ ҳуқуқҳои насли нав мебошанд. Онҳо дар раванди ташаккул қарор доранд. Ҳифзи манфиатҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ талаб мекунад, ки ҳуқуқҳои экологиро чун ҳуқуқҳои мустақил эътироф карда, то ҳадди имкон онҳоро возеҳу равшан дар сатҳи санадҳои байналхалқӣ махсусан Эъломияи умумии ҳуқуқи башар бевосита мустаҳкам намоем.

# НЕКОТОРЫЕ СПОСОБЫ ОБУЧЕНИЯ ИНОСТРАННЫМ ЯЗЫКАМ

**(Подключение юридического компонента к содержанию профессионального-ориентированного обучения иностранному языку)**







**Саид ЗАЙНИДДИНОВ**
*старший преподаватель кафедры иностранных языков*

Каковы же возможности реализации речевых, компенсаторных, учебно - познавательных, социокультурных умений и языковых знаний в специализированной области "юриспруденция"?

Речевые умения, говорения. Диалогическая речь: совершенствование умений участвовать в диалогах различных видов с целью формирования умения брать интервью участвовать в пресс-конференциях, ток-шоу, дискуссиях и дебатах. В этих же целях развиваются умения участвовать в разговоре, беседе, обмениваться информацией, уточнять её, обращаясь за разъяснениями, давать комментарии. Беседовать при обсуждении теле- и радиопередач, публикаций в прессе. Запрашивать информацию, аргументировать точку зрения, возражать, уточнять мнения собеседника.

Монологическая речь: развитие умений публичных выступлений: сообщение, доклад, представление результатов работы по проекту, связанной с юридической деятельностью. Умения давать характеристику выдающихся личностей, деятелей науки и культуры (при подготовке статей - "портретов"), описывать события, излагать факты (при подготовке репортажа, заметки и т.д.), представлять чужую культуру, избегая при этом межкультурных конфликтов, делать выводы, оценивать факты (события современной жизни и культуры (при подготовке аналитических и информационных статей).

Как видно, многие умения говорения будут также способствовать развитию умений письменной речи, особенно если курс ориентирован на изучения деятельности юриста.

Речевые умения, аудирование: понимать содержание устных диалогов, монологов и полилогов в рамках игр "пресс-конференция", "ток-шоу","дебаты", а также теле- и радиопередач. Выборочно понимать необходимую информацию в рекламных объявлениях, относительно, полно понимать высказывания носителей языка в ситуациях элементарного профессионального общения (в сфере юриспруденции). Развитие умений отделять главную информацию от второстепенной, определять тему (проблему в радио) телепередач, выделять факты (мнения) аргументы в соответствии с поставленной профессионально-ориентированный проблемой, обобщать фактическую и оценочную информацию. Понимать основное содержание лекций преподавателя.

Речевые умения, чтение: развитие всех основных видов чтения - изучающего, ознакомительного, поискового/просмотрового - с целью полного понимания, понимания основного содержания либо извлечения необходимой информации при работе с публицистическими текстами (статьями различных жанров, обзорами, рекламными материалами и т.д.). Развитие умений: выделять необходимые факты: сведения, отделять основную информацию от второстепенной, определять причинно-следственную взаимосвязь событий, прогнозировать развитие, результат излагаемых событий, обобщать факты, оценивать важность (новизну) достоверность информации отбирать значимую информацию в текстах для решения задач проектно-исследовательской деятельности в сфере юриспруденции.

Речевые умения, письмо:излагать содержание прочитанного (прослушанного) увиденного в образах, составлять заголовки и Лиды к статьям. Описывать события (факты) явления в статьях различных жанров, писать комментарии, сообщать (запрашивать) информацию. Использовать письменную речь на иностранном языке в ходе проектно-исследовательской деятельности в сфере юриспруденции.

Речевые умения, перевод: в рамках курса профессионально-ориентированные умения письменного перевода используются:

а) для расширения запаса профессионально ориентированной лексики, формирования навыков ее использования в профессионально ориентированной коммуникации, сопоставления значений профессиональных юридических терминов;

б) при работе с аутентичным публицистическим материалом (например, для составления обзоров зарубежной прессы).

В зависимости от поставленной цели иноязычными материалами для перевода могут служить либо несложные профессионально-ориентированные тексты из теории юриспруденции, либо публицистические статьи. При обучении переводу текстов с английского языка на русский (на таджикский) и с русского (с таджикского) на английский студенты овладеют: навыками использования толковых, двуязычных (трёхязычных) и специализированных (в области юриспруденции) словарей, другой справочной литературы, связанной с деятельностью юристов, для решения переводческих задач.

**“ Развитие умений отделять главную информацию от второстепенной, определять тему (проблему в радио) телепередач, выделять факты (мнения) аргументы в соответствии с поставленной профессионально-ориентированный проблемой, обобщать фактическую и оценочную информацию. Понимать основное содержание лекций преподавателя. ”**

# САРЧАШМАИ МУСАФФО

**Имом Муҳаммад Ғазолии Тӯсӣ дар "Насиҳат-ул-мулук" менависад, ки падару модар ба мисли сарчашмае мебошад, ки агар оби он мусаффо бошад, поёноб мусаффо хоҳад буд.**

Имрӯзҳо падару модароне ёфт мешаванд, ки барои таълиму тарбияи фарзандони худ бемасъулиятӣ зоҳир мекунад ва фарзандони онҳо аз таълиму тарбия дур монда, ба кирдорҳои ғайриқонунӣ даст мезананд. Пас ҳамаи ин рафторҳои ғайриқонуниро ба назар гирифта, 2-юми августи соли 2011 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун "Дар барои масъулияти падуру модар дар таълиму тарбия фарзанд" қабул гардид. Мақсади қонуни мазкурро қабул намудан ин маънои онро надорад ки падару модаронро ба ҷавобгарӣ бикашанд , максади қонун ин хуб ба роҳ мондани таълиму тарбияи фарзанд мебошад, зеро асоси таълиму тарбияи фарзанд ин падару модар мебошад. Яъне асоси таълиму тарбияи насли наврас, аз падару модар вобастагии зиёд дорад. Мутафаккирон мегӯянд, ки кӯдак то ба синни ҳафтсолагӣ расидан асоси таълиму тарбияро ба худ қабул менамояд ва дар доираи ин ҳама ӯ метавонад, ба хондану навиштан меҳр пайдо намояд , барои ҳамин сарчашмаи ин ҳама падару модар шуда метавонанд.



Мутафаккири дигаре қайд мекунад, ки оила дар назди кӯдак ба мисли оинае мебошад, ки ӯ дар ин оина худро мебинад ва бароиояндаи худ тарҳе месозад. Мо бояд кӯшиш намоем, ки дар назди фарзандони худ рафтори намоён нишон бидиҳем ва онҳоро дар муҳити орому солим тарбия намоем. Агар кӯдак дар муҳити орому солим тарбия наёбад ва моҳияти таълиму тарбияро дарк накунад, дар ҳаёти минбаъдаи худ ба мушкилиҳои зиёде рӯ ба рӯ мегардад ва дар ҷомеа мавқеи худро пайдо карда наметавонад.

Қонуни мазкур зиёда аз 2 сол мешавад, ки амал намуда истодааст, аммо нафарони зиёде ёфт мешаванд, ки қонунро риоя наменамоянд ва аз ҷониби онҳо қонуншиканиҳо ба чашм мерасад.

Масалан, дар банди 2-юми моддаи 5-и қонуни мазкур чунин гуфта шудааст: Вазифаи падару модар фароҳам овардани шароити моддӣ, молиявӣ, маънавӣ ва равонӣ дар таълиму тарбияи дурусти фарзандон мебошад.

Дигар ин ки мутобиқи зербанди 18 ва 19-и моддаи 8-уми ин қонун омадааст. Ба оворагардӣ ва дигар рафторҳои зиддиахлоқӣ машғул шудани фарзандонро роҳ надиҳанд; Ба ҷалб намудани фарзандон ба корҳои хафнок ва вазнини ба саломатии ӯ зараровар ва ҳамчунин дигар корҳое, ки ба инкишофи муътадили ҷисмонӣ ва равонии фарзанд халал мерасонад, иҷозат надиҳанд.

Ҳамаи мо шоҳиди он ҳастем, ки гуфтаҳои қонуни мазкур амал накарда истодааст , зеро падару модароне ёфт мешаванд , ки кӯдакони худро бо роҳҳои гадоӣ, мошин шустан, ароба кашидан ва дигар корҳое, ки ба инкишофи кӯдак зарар мерасонад, ҷалб мекунанд.

Масалан дар зербанди 5-уми қисми 2-юми моддаи 12-и қонуни номбаршуда чунин гуфта шудааст: Оид ба пешгирии ҳукуқвайронкуниҳо аз тарафи кӯдакон тадбирҳо андешад ва дар моддаи 15-и ҳамин қонун ҷавобгарии падару модар ва омӯзгор дар таълиму тарбияи фарзандон таъкид шудааст.

Барои ҳуқуқвайронкуниҳо, хангоми сар задани рафтори номатлуб аз тарафи кӯдакон, падару модар ва омӯзгорон ҷазоҳое, ки қонуни мазкур муқаррар намудааст, аз он ҷумла ҷазои гражданӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ вобаста ба рафтори зиддиқонунияш новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, забон, этиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, тақсим ба молу мулк ҷазо қонунгузорӣ чораҳои зарурӣ муайян шудааст. Мо дар ҳамон ҳолат, метавонем оилаи солим ва ҷомеаи солим тарбия намоем, ки ба дарди ҳаммилати худ ранҷ кашем ва онҳоро дарк намоем. Дар ин сурат мо метавонем оилаи солим ва ҷомеъаи солим тарбия намоем. Саъдии Шерозӣ мефармояд :

***Бани одам аъзои якдигаранд,***
***Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.***
***Чу узве ба дард оварад рӯзгор ,***
***Дигар узвҳоро намонад қарор.***

Дар охир ба ҳамаи мардуми тоҷик ахлоқи ҳамидаро хоҳонам ва меҳоҳам, ки ҳама шаҳрвандони кишварамон дар рӯҳияи худогоҳиву худшиносӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ тарбия ёбанд

**Шаҳбози МУҲАММАДАЛИЗОДА,**
***донишҷӯи соли 1***

# БУЗУРГДОШТИ ЗАБОН



Яке аз дастовардҳои муҳимтарини ҳар як инсон дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ ҳуқуқ ба истироҳат мебошад. Ҳуқуқ ба истироҳат дар санадҳои байналмилалӣ ва дар қонунгузории дохилӣ кафолат дода шудааст. Аслан дар санадҳои асосии давлатҳои дунё оиди ҳуқуқи шахс ба истироҳат сухан гуфта шудааст. Таъмини ин ҳуқуқ бо роҳҳои гуногун амалӣ гардонида мешавад, ки дар он худи шахс, корхонаву муассиса, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва давлат ҳиссагузор шуда метавонанд. Вазифаи давлат аз он иборат аст, ки ба воситаи қонун давомнокии вақти кор, рӯзҳои истироҳат ва ид, рухсатии ҳарсолаи пулакӣ ва дигар чораҳои амалӣ гардонидани ин ҳуқуқҳоро муайян намояд. Дар ҶТ барои татбиқи ин ҳуқуқ муассисаҳои истироҳатию тандурустӣ, муассисаҳои муоличавӣ ва осоишгоҳҳо, базаҳои сайёҳӣ, лагерҳои тандурустӣ ва ғайра фаъолият мекунанд. Агар ба қонунгузории ҶТ назар афканем бараъло мушоҳида менамоем, ки дар қонунгузории ҶТ оиди ҳуқуқи шахс ба истироҳат диққати махсус зоҳир карда шудааст. Аз ҷумла дар моддаи 37-и Сарқонуни ҶТ омадааст: "шаҳрванд ҳуқуқи истироҳат дорад. Ин ҳуқуқ бо роҳи муқаррар кардани ҳафта ва рӯзи корӣ, рухсатии ҳарсолаи пулӣ, рӯзҳои ҳарҳафтаинаи истироҳат ва шароитҳои дигаре таъмин карда мешавад, ки қонун муайян кардааст". Фикр мекунам, дар ин моддаи Сарқонун истилоҳи "шаҳрванд" танҳо шаҳрвандони ҶТ-ро дар назар дорад. Пас, саволе ба миён меояд, ки оё шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бешаҳрванде, ки дар ҳудуди ҶТ кору фаъолият ва зиндагӣ мекунанд ҳуқуқи истироҳат карданро надоранд? Албатта, онҳо ҳуқуқи истироҳатро доро мебошанд, зеро дар моддаи 24-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ҳуқуқи ҳар як инсон ба истироҳату фароғат кафолат дода шуда аст (гарчанде ин эъломия хусусияти ҳатмӣ надошта, хусусияти тавсиявӣ дорад) ва ё дар моддаи 7-и Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳуқуқи ҳар кас ба истироҳат, фароғат ва маҳдудияти оқилонаи вақти корӣ, рухсатии даврии пардохтшаванда баробар бо мукофотонӣ барои рӯзҳои ид кадолат дода шудааст ва дигар санадҳои дар сатҳи байналмилалӣ қарордошта, ки онҳоро қариб аксарияти мамлакатҳои олам ҷонибдорӣ кардаву дар санадҳои миллии худ имплементатсия, яъне татбиқ кардаанд. Барои фаҳмо, дақиқ ва васеътар шудани мафҳуми ҳуқуқи истироҳат, дар ин моддаи Сарқонун истилоҳи "шаҳрванд", бо истилоҳи "шаҳрвандон" ва ё "ҳар кас" агар, иваз карда шавад, фикр мекунам амали татбиқи ин меъёри Сарқонун ба ҳамаи шаҳрвандон (шаҳрвандони ҶТ, шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бешаҳрванд) аниқ ва возеҳ хоҳад гашт! Албатта, ин андешаи банда ва як гурӯҳ донишҷӯён аст ва шояд дар ин хусус андешаҳои дигар низ ҷой дошта бошанд.

> **“ Барои фаҳмо, дақиқ ва васеътар шудани мафҳуми ҳуқуқи истироҳат, дар ин моддаи Сарқонун истилоҳи "шаҳрванд", бо истилоҳи "шаҳрвандон" ва ё "ҳар кас" агар, иваз карда шавад, фикр мекунам амали татбиқи ин меъёри Сарқонун ба ҳамаи шаҳрвандон (шаҳрвандони ҶТ, шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бешаҳрванд) аниқ ва возеҳ хоҳад гашт! ”**

Ҳуқуқ ба истироҳат бо танзими вақти корӣ ва вақти истироҳат, кам кардани вақти кори шабона, дар арафаи рӯзҳои ид ва истироҳат, маън кардани корҳои берун аз меъёр, муқаррар кардани давомнокии минималии истироҳати ҳарҳафтаина, ба кормандон додани танаффус барои истироҳат ва хӯрокхурӣ, муқаррар намудани қоидаҳо дар бораи рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда барои истироҳат ва давомнокии минималии он, рухсатии иловагӣ барои категорияҳои алоҳидаи кормандон ва ғайра дар қонунгузории давлат таъмин карда шудааст.

> **“ Агар ба қонунгузории ҶТ назар афканем бараъло мушоҳида менамоем, ки дар қонунгузории ҶТ оиди ҳуқуқи шахс ба истироҳат диққати махсус зоҳир карда шудааст. Аз ҷумла дар моддаи 37-и Сарқонуни ҶТ омадааст: "шаҳрванд ҳуқуқи истироҳат дорад. ”**

Дар қонунгузории меҳнатӣ рӯзҳои ид пешбинӣ шудааст, ки онҳоро вобаста ба аҳамияташон ба идҳои боистироҳат ва беистироҳат ҷудо намудан мумкин аст. Дар моддаи 83-и Кодекси меҳнати ҶТ номгӯи ин идҳо пешбинӣ шудааст ва дар яке аз қисматҳои ҳамин модда муқаррар гардидааст, ки 5-уми октябр чун Рӯзи забони давлатии ҶТ қайд карда мешавад, вале бидуни истироҳат. Забон як рукни асосии миллат мебошад, ки бе он давлату давлатдорӣ маъние надорад. Вақте забон нобуд шуд, пас яқин аст, ки миллат низ нобуд хоҳад шуд. Ба ақидаи Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "миллат ва халқ он вақт зинда мемонад, агар забон зинда бошад". Забони тоҷикиро имрӯз яке аз забонҳои таърихи қадимтарин дошта эътироф кунем ҳам хато нахоҳем кард, зеро забони тоҷикии мо таърихи зиёда аз ҳазорсола дошта дар тӯли асрҳои зиёд ба мо омада расидааст. Аҷнабиён ҳама дороиву сарвате, ки халқи тоҷик дошт, азони худ намуданд, бузургони донишварашро ба қатл расониданд, ҳудуди тоҷикнишинро ба ҳудуди кишвари худ табдил доданд, халқи тоҷикро бо роҳи зӯрӣ чун шаҳрванди худ эътироф намуданд, ёдгориҳои бузурги таърихиашро нобуд сохтанд, ба гуфти Бозор Собир: "Ҳар чӣ ӯ аз моли дунё дошт, дод…", вале забони бузургашро, ки бо он асарҳои калонхаҷму пур аз маънӣ навишта шудаанд ва дорои ҳикматҳои инсониву ахлоқӣ, диниву ҳуқуқӣ, фарҳангиву иҷтимоӣ мебошанд, нобуд ва ё аз байн бурда натавонистанд. Барои аз байн нарафтани ин забон садҳо ватандӯстдорону ватанпарварони тоҷик ҷони худро фидо намудаанд ва мо бояд ба қадри ин неъмат, ба қадри ин ганҷинаи ҷилодор, ба қадри он ҷонбозиҳои бузургони худ бирасем. Боиси хурсандӣ ва сарфарозист, ки имрӯз забони мо дигарбора, бо қабули Қонун "дар бораи забони давлатӣ" эҳё гардид ва дар ҳоли рушт қарор дорад. Бунёди забони тоҷикӣ, ин бунёди миллати тоҷик аст, ба гуфти Лоиқ Шералӣ:

***Онон, ки нахондед***
***суруди тоҷик,***
***Ғафлатзадаед аз***
***вуҷуди тоҷик.***
***Бунёди забони тоҷикӣ***
***худ бошад***
***Бунёди ҳама буду***
***набуди тоҷик.***

Бо дарки масъулияти шаҳрвандӣ ва эҳсоси баланд нисбат ба забони тоҷикӣ, бо мақсади бузургдошти забони тоҷикӣ, ҳифз кардан ва муқаддас шумоalong забони пурғановат пешниҳод менамоям, ки дар моддаи 83-и Кодекси меҳнати ҶТ тағйироте ворид гардад, ки мувофиқи он 5-уми октябр ҳамчун Рӯзи забони давлатии ҶТ ба гурӯҳи идҳои боистироҳат дохил карда шавад ва тамоми мардуми тоҷик дар ин рӯзи ид шукрона аз забони қадим ва саросар пур аз ганҷи худ намуда, як рӯзи ҳаёти ширини худро бо истироҳату фароғат ва бо дарки масъулияти бузург нисбат ба забони тоҷикӣ ва инчунин бо посу муқаддас нигоҳ доштани он гузаронанд. Шояд ба ин андеша қисмате розӣ набошанд, лекин ин фикри шахсии банда аст ва ҳар як шахс метавонад дар пиромони ин мавзӯъ фикри худро дошта бошад.

**Некрӯзи ФАЙЗИЗОДА**
***донишҷӯи соли 1-и ихтисоси муносибатҳои байналмилалӣ (ҳуқуқ)***

## Чемпионати ҷаҳон оид ба футбол дар соли 2014

| Группа A | Группа B | Группа C | Группа D |
|---|---|---|---|
| Бразилия | Испания | Колумбия | Уругвай |
| Хорватия | Голландия | Греция | Коста-Рика |
| Мексика | Чили | Кот-д'Ивуар | Англия |
| Камерун | Австралия | Япония | Италия |

| Группа E | Группа F | Группа G | Группа H |
|---|---|---|---|
| Швейцария | Аргентина | Германия | Бельгия |
| Эквадор | Босния и Герцеговина | Португалия | Алжир |
| Франция | Иран | Гана | Россия |
| Гондурас | Нигерия | США | Корея |

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС
Муассис: факултети ҳуқуқшиносии ДМТ

Сармуҳаррир: Саъдӣ Маҳдӣ
saadi_mahdi@mail.ru

Тарроҳ: Ҳамидулло Азизов

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Насурдинов Э. С. дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
Қурбонов Қ.Б. муовини декан оид ба илм;
Сафаров Б.А. дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
Камолов И. И. дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ;
Сулаймонов Ф. С. дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ;
Ҷаҳонгир С. ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ.

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Саидов Н. С. Вазири маорифи ҶТ, профессор;
Давлатов Ҷ. М. мушовири давлатии Президенти ҶТ оид ба сиёсати ҳуқуқӣ;
Имомов М. С. ректори ДМТ, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ;
Тоҳиров Ф. Т. профессор, академики АИ ҶТ,
Маҳмудов М. А. профессор, академики АИ ҶТ, раиси Суди Конститутсионии ҶТ;
Раҳимов М.З. директори маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, профессор;
Асозода Х. профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ;
Диноршоев М. профессор, академики АИ ҶТ.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 28-уми феврали соли 2013 ба қайд гирифта шудааст. Нишонии идора: ш.Душанбе, Буни Ҳисорак, Шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: 985-38-38-67, 918-56- 07- 07. Теъдод: 1000